## ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи «Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ.** Гузариши босуръати иқтисодиёт аз шакли анъанавӣ ба иқтисодиёти рақамӣ дигаргуншавиҳои куллиро дар ҳама зинаҳои низоми иқтисодии мамлакат ба миён оварда истодааст. Тағйиротҳои рақамӣ раванди идоранамоии давлатӣ, пешбурди тиҷорат ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифтааст ва яке аз муҳаррикҳои асосии мутобиқ шудани минтақа ба шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Аз ин нуктаи назар, диссертатсияи иҷрошудаи муаллиф муҳимияти хосро дошта, ба муаммоҳои такмили назариявии консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва рақамикунонии иқтисодиёти минтақа, меъёрҳои арзёбии сатҳи рақамикунонӣ, моделиронии идоранамоии иқтисодиёт дар шароити гузариш ба иқтисодиёти ҷадид ва механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоранамоии равандҳои рақамикунонӣ равшанӣ дода шудааст.

Ҳасанова М.И. соли 2015 ба ихтисоси Кори бонкии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дохил шуда, онро соли 2019 бо дипломи аъло хатм намудааст. Соли 2019 ба зинаи магистратураи муассисаи зикршуда аз рӯи ихтисоси Иқтисоди ҷаҳонӣ дохил шуда, соли 2021 дараҷаи магистриро низ хатм кардааст. Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз “01” сентябри соли 2021 ба ҳайси докторанти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақа қабул карда шудааст.

Фаъолияти меҳнатиашро соли 2019 ба ҳайси мутахассиси раёсати корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва рушди инноватсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон оғоз намуда, аз соли 2022 то айни замон ҳамчун ассистенти кафедраи кори бонкии донишгоҳи мазкур кору фаъолият намуда истодааст.

Кори диссертатсионии Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи «Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар ташаккул ва рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд» аз муқаддима, 3 боб, 9 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шуданд.

Дар боби якум - **“Асосҳои назариявӣ-методии рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар рушди низоми инноватсионии он”** назарияҳо, равияҳои методӣ ва таҷрибаи хориҷӣ дар самти рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар низоми рушди инноватсионӣ баррасӣ гардидааст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти боби мазкур равияҳои назариявӣ, консепсияҳои илмӣ оид ба “иқтисодиёти рақамӣ”, “рақамикунонии минтақа” низомбандӣ карда шуда, ба мундариҷаи предмети таҳқиқот саҳеҳӣ ворид карда шудааст. Ҳамчунин, гуногунпаҳлугии равияҳои методӣ оид ба арзёбии рақамикунонӣ дар сатҳҳои макро, мезо ва микроиқтисодӣ асоснок карда шуда, исбот гардидааст, ки барои арзёбии рақамикунонӣ дар минтақа усули индекси интегралӣ дар асоси гурӯҳбандии нишондодҳо мутобиқ мебошад. Дар зербоби сеюм таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон оид ба рақамикунонӣ аз рӯи нишондодҳои Индекси рушди ҳукумати электронӣ, Индекси глобалии инноватсионӣ омӯхта шуда, пешниҳод гардидааст, ки истифодаи таҷрибаи кишварҳои Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, ИМА, Гонконг, инчунин кишварҳои ИДМ дар иқтисодиёти вилояти Суғд манфиатовар мебошад.

Дар боби дуюм - **«Ҳолат, тамоюлот ва омилҳои рақамикунонии иқтисодиёти вилояти Суғд»** - вазъи муосири рушди иқтисодиёти минтақа ва шохиси интегралии рушди сатҳи рақамикунонии минтақа, арзёбии вазъи рақамикунонии минтақа ва таъсири он ба рушди инноватсионии он, ҳамчунин таъсири омилҳои иқтисодӣ ба рақамикунонии иқтисодиёти вилояти Суғд дида баромада шудааст.

Ҷараёни таҳқиқотии боби мазкур ба як қатор натиҷаҳо оварда расонидааст. Аз ҷумла, шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд дар асоси шохиси интегралии рушди иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа арзёбӣ карда шуда, аз рӯи рақамикунонӣ ҳамчун омили инноватсионӣ гуруҳбандӣ гардидааст; амсилаи математикии иқтисодӣ оид ба таъсири рақамикунонӣ ба рушди иқтисодии вилояти Суғд коркард ва исбот карда шудааст, ки тибқи он ҳоло дар рушди иқтисодиёти вилоят унсурҳои зерини иқтисодиёти рақамӣ, алалхусус: афзоиши ҳиссаи онлайн-мурочиаткунанда, сипас, теъдоди соҳибкорони бо тиҷорати электронӣ машғулбуда сатҳи таъсиррасонии бештар дорад; амсилаи таъсиррасонии вазъи иқтисодиёт ба амалишавии ҷанбаъҳои рақамикунонӣ дар вилоят таҳия гардидааст. Дар асоси он муайян карда шудааст, ки нахуст афзоиши теъдоди кормандони соҳаи илмӣ-техникӣ, сипас беҳтаршавии даромаднокии аҳолӣ, саввум пайвастшавӣ ба шабакаи интернет дар ташаккули иқтисодиёти рақамӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳоло нақши доминантӣ дорад.

Дар боби сеюм - **“Равияҳои афзалиятноки рақамикунонии иқтисодиёти вилояти Суғд”** - такомули рақамикунонӣ, таъмини ташаккули муассисаҳои махсуси инноватсионӣ, таҷдиди маблағгузорӣ ба самти рақамикунонии иқтисодиёти минтақа баррасӣ гардидааст. Ҳамчун натиҷа дар боби сеюм низоми тавсияҳои илмӣ оид ба такмили ҷараёни рақамикунонӣ коркард ва пешниҳод гардидааст. Алалхусус: - пешбинӣ намудани фишангҳои ҳавасмандӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ роҷеъ ба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ; - ташаккули муассисаҳои мусоидаткунандаи рақамикунонӣ (ширкатҳои барномасозӣ, киберамният); тайёр намудани мутахассисони касбии IT (баланд бардоштани саводнокии рақамӣ дар ҷомеа); таҷдиди маблағгузорӣ ба инфрасохтори рақамӣ (дастрасии шабакаи Интернет, серверҳо, платформаҳо, технологияҳои абрӣ); ташкили марказҳои инноватсионӣ (IT-паркҳо, акселераторҳо).

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман

асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ – методӣ ва таҳлилӣ мутсаҳкам шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳасанова Муҳиба Илҳомҷоновна дар мавзуи «Рақамикунонии иқтисодиёти минтақа дар ташаккул ва рушди низоми инноватсионии вилояти Суғд» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ, д.и.и.,**
**профессор, муовини ректор**
**оид ба робитаҳои байналмилалии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,**
**бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Т.Р.**

**«02» 05 2025 с.**

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1, ДДҲБСТ
тел: (+992)92-777-77-35; e-mail: t_rizokulov@mail.ru

**Имзои Ризозода Т.Р.-ро тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Бобоев А.Х.**

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1.
телефон: +992(3422)23811
факс: +992(3422)25170; e-mail: Info@tsulbp.tj, tsulbp@rambler.ru

**«02» 05. 2025 с.**